«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар"
ба номи Носири Хусрав
_________________ Давлатзода С.Х.
«___» октябри _______________ соли 2022.

# ХУЛОСАИ

## ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими технологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Рисолаи номзадӣ доир ба мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» дар кафедраи "Методикаи таълими технология"-и ДДБ ба номи Носири Хусрав ба анҷом расонида шудааст.

Дар давраи навишта шудани рисола Маҳмадалиев Э.Ш. ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи "Методикаи таълими технология" аз рӯйи ихтисоси «13.00.08.04 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ» фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурда, ҳамчун омӯзгор дар факултети техникӣ ва технологии ДДБ ба номи Носири Хусрав кор мекард.

Гувоҳномаи №042 21/42 аз 03.12.2021 дар ДДБ ба номи Носири Хусрав дар бораи супурдани имтиҳонҳои номзадӣ аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм ва забони хориҷӣ (забони англисӣ) мавҷуд мебошад.

**Роҳбари илмӣ:** Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав мебошад.

Мутобиқ ба натиҷаҳои муҳокима хулосаҳои зерин қабул карда шуданд:

Маълумоти ибтидоии таҳқиқот оид ба ташаккули салоҳиятҳои касбӣ ва таълимот дар байни омӯзгорониояндаи фанни технология дар рушди таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ оғоз меёбад, агар:

- низом, сохтор ва мундариҷаи таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбиро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда, мӯҳтаво ва сохтори салоҳиятҳои касбии омӯзгориояндаи ихтисоси технологияро барои чунин таълимот муайян намоем;

- дастурҳои таълимию методӣ тахия шаванд (барномаҳои таълимии корӣ (силабусҳо), китобҳои дарсӣ, маҷмӯи супоришҳои тестӣ, курсҳои электронӣ ва ғ.);

- равишҳои методологии ташаккули салоҳиятҳои касбӣ дар таълими педагогии омӯзгори ояндаи ихтисоси технология (таълими меҳнат) барои татбиқи таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ таҳия шуда, амалӣ карда шаванд.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти мазкур бо он асоснок мегардад, ки таълимоти касбии техникӣ дар соҳаи маориф мавқеи махсусеро ишғол намуда, дар омодакунӣ ва ташаккули мутахассисони самтҳои техникӣ (муҳандис, баркчӣ, техник-барномасоз ва ғ.) заминагузор мебошад.

Ин пеш аз ҳама аз норасоии мутахассисони касбӣ дар муассисаҳои энергетикӣ, истеҳсолотҳои системавии роботикунонидашуда ва ғайра вобастагӣ дорад.

Дар назди низоми маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо оид ба инкишоф додани маҳорати касбии мутахассисон гузошта шудааст, ки махсусан ба самтҳои техникӣ равона аст. Тайёр намудани мутахассисони соҳаи муҳандисӣ аз истифодаи самараноки технологияи муосир ва нигоҳ доштани таҳсилоти анъанавӣ алоқаманд аст. Аз тарафи дигар дар ҷомеаи муосир таълимоти технологияҳои иттилоотӣ барои мутахассисони самти техникӣ як ҷузъи таҳсилоти касбӣ шуморида мешавад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- таҳияи методикаи ташаккули маҳорати эҷодию техникии донишҷӯён дар асоси низоми супоришҳои эҷодии тавсифи техникидошта;

- муайян кардани принсипҳои сохтани низоми супоришҳо ва инкишоф додани тамоюли эҷодкории тамоюлдоштаи донишҷӯ;

- сохтани системаи супоришҳои таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ барои омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) ;

- амсиласозии компютерӣ тибқи методологияи таълими конвергентии фанни технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ дар раванди омӯзиши истифодаи таҷҳизотҳои муосир;

- вобаста бо тағйирёбии шакли таълим, коркарди барномаҳои иттилоотӣ дар асоси дида баромадани сохтор ва системаҳои технологияҳои иттилоотӣ ҳангоми таълим дар низоми таҳсили кредитӣ;

- бо дарназардошти муносибатҳои бозоргонӣ дар донишҷӯён ташаккул додани маҳорати баланди соҳибкорӣ, омода намудан ба

қабули қарорҳои мустақил, тавоноии дифои мавқеъ ва нуқтаи назари худ, масъулият дар ҳосилкунии натиҷаҳо ва ҳалли оқибатҳои фаъолиятҳои касбӣ-техникӣ;

- баланд бардоштани самаранокии машғулиятҳо, ҷустуҷӯи роҳу усулҳои мухталиф ва дар ин раванд истифодаи имконоти муосир барои мукаммалкунии таълими конвергентии фанни технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ (таълими меҳнат).

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот:**

Натиҷаҳои ҳосилшуда бо матни дохилии диссертатсия тавъам омада, дар намуди робитаҳои байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии таълими конвергентии фанни технологияи касбӣ ва технологияи иттилоотӣ метавонад саҳми назаррас гузоранд. Нуқтаҳои асосии илмӣ ва хулосаҳои диссертатсионӣ тавассути усули амсиласозии компютерӣ барои муайян намудани раванди кории таҷҳизотҳои техникӣ ва модулҳои барномавии дар шакли таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ таҳияшуда асоснок гардида тасдиқи худро ёфтаанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ:** дақиқияти натиҷаҳои таҳқиқот ва мувофиқати он бо қоидаҳои методию назариявии таълими конвергентии технологияи иттилоотӣ ва технологияи касбӣ таъмин карда шуда, мафҳуми мантиқии он дар раванди таҳқиқот муайян гардид. Натиҷаҳо дар марҳилаҳои таҳқиқот ба даст омада, дар асоси таҳлилҳои тавсифӣ ва рақамӣ, ки имкони хулосабарории умумиро ифода мекунад, тартиб дода шудааст. Дар озмоишҳои таҳқиқотӣ 130 нафар донишҷӯёни ихтисосҳои дар боло зикршуда ширкат варзиданд. Бо иштироки омӯзгорон ва донишҷӯёни факултети техникӣ ва технологӣ машғулияти намунавӣ дар мавзӯи «Истеҳсоли ҷузъҳои намунавӣ дар принтери 3D» гузаронида шуд. Мақсади машғулият шинос намудани донишҷӯён бо шароитҳои техникии технологияҳои муосири чопи 3D ва барномаи амсиласозии он иборат буд.

**Санҷида расман тасдиқ кардан (апробатсия)-и натиҷаҳои таҳқиқот.**

Натиҷаҳои диссертатсионӣ бо тарзи амалӣ дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот (соли 2017-2022) гузаронида шудааст. Муқаррароти асосии назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷаласаҳои илмии кафедраи методикаи таълими технология ва конференсияҳои илмии ҳарсолаи дохилидонишгоҳии ҳайати профессорону омӯзгорон, докторону магистрантҳо ва донишҷӯёни факултети техникӣ ва технологии ДДБ ба номи Носири Хусрав муҳокима карда шудааст. Дар конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ «Веб-технологияҳо дар фазои таълимӣ:

мушкилот, равишҳо, дурнамо» (Нижний Новгород-Арзамас (Русия), соли 2015); «Масоили мубрами математика ва таълими он», бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040), (Бохтар, 2020); «Оид ба накши фанҳои технологияҳои иттилоотӣ дар омодасозии мутахассисони оянда», (бо забони русӣ), (Санкт-Петербург, 2021); «Татбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар ҳалли масъалаҳои муосир», (Душанбе ДДОТ, 2021) ба нашр расонида шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар 19 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 11 - тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва 8-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чоп расида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ ташкил додаанд.

Корҳои илмии нисбатан муҳим доир ба мавзӯи рисола:

а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Махмадалиев Э. Ш. Вопросы повышения технических знаний будущих учителей технологии [Текст] / А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев // Вестник Таджикского национального университета. 2017 (3-5): С201-203. ISSN 2074-1847.
[2-М]. Махмадалиев Э.Ш. О роли инновационных технологий в подготовке будущего учителя технологии в кредитной системе обучения [Текст] / А.Э.Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев, Ф.Р. Муродов // Паёми донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). 2017. 1-4 (49). С 188-191. ISSN2663-5534.
[3-М]. Махмадалиев Э.Ш. Омӯзиши усулҳои интихоб ва истифодабарии таҷҳизоти муосири техникӣ дар устохонаҳои таълимӣ [Матн] / Э.Ш. Махмадалиев, С.С. Абдуллоев, Ф.Р. Муродов // Паёми донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). 2018. 1/1(51) :145-147. ISSN 2663-5534.
[4-М]. Махмадалиев Э.Ш. Баъзе маълумот оид ба тарзи тарҳрезиҳои дизайнерӣ [Матн] / Э.Ш. Махмадалиев // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). 2019. 1/3 (65)- С. 217-220. ISSN 2663-5534.
[5-М]. Махмадалиев Э.Ш. Равандҳои омӯзиши технологияи инноватсионӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Э.Ш. Махмадалиев, Н.Р.Бобокалонов,Н.Р. Раупов // Паёми донишгоҳи

давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). 2019. 1/4(68) - С.167-170. ISSN 2663-5534.

[6-М]. Махмадалиев Э.Ш. Методические подходы модернизации школьного курса информатики [Текст]/ М.С. Мирзоев, Э.Ш. Махмадалиев, З.З. Тагоев // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). 2019.1/4(68) -С.189-191. ISSN 2663-5534.

[7-М]. Махмадалиев Э.Ш. О роли информацонно-технологических диципли в подготовке будущих специалитов (русӣ) [Текст] /А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев. // Паёми донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ). 2021.1/1(83) -С132-134. ISSN 2663-5534.

[8-М]. Махмадалиев Э.Ш. Омӯзиши конвергентии технологияи касбӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълими фанни технология. [Матн]/ А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев.// Номаи донишгоҳи давлатии Хуҷанд (маҷаллаи илмӣ). ба номи академик Б.Ғафуров № 3(68)2021- С180-184.

II.Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:

[9-М]. Махмадалиев Э.Ш. Конвергентный подход в системе школьного образования Республики Таджикистан [Текст] / Э.Ш. Махмадалиев, Мирзоев М.С. Современный учёный. Москва -2019 (5) С56-61. ISSN 2541-8459.

[10-М]. Махмадалиев Э.Ш. Социализация учащихся при обучении элективного курса «информационная безопасность личности» [Текст] / М. С. Мирзоев, Э.Ш. Махмадалиев, З.З. Тагоев // Учёные записки ИСГЗ. Москва: 2019 (1): 326-331. ISSN 2078-6980.

III.Мақолаҳои илмӣ:

[11-М]. Махмадалиев Э.Ш. Об использовании новых технологий на уроках технологии [Текст] / А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев // Сборник статей участников международной научно-практической конференции.г. Нижний Новгород-Арзамас (Россия) «web-технологии в образовательном пространстве: проблемы, подходы, перспективы». Арзамас, 2015.-С. 278-281.

[12-М]. Махмадалиев Э.Ш. Подготовка учителя технологии к конвергентному обучению информатике и технологии в основной школе (на примере вузов Республики Таджикистан) [Текст] / М. С. Мирзоев, Э.Ш. Махмадалиев. // Педагогическая информатика. №2.2019. pedif.ru/content_2.19.htm.

[13-М]. Махмадалиев Э.Ш. Исследование влагоудерживающей способности комбинированных мясопродуктов [Текст] / А.Н. Васюкова. Э.Ш. Махмадалиев, // МТИ. Сборник трудов шестой региональной

конференции Прикладные исследования и технологии 1–2 апреля 2019 г. г. Москва.с. 75- 80.
[14-М]. Маҳмадалиев Э.Ш. Структура и содержание конвергентного обучения технологии и информатики в условиях республики Таджикистан [Текст] / Э.Ш. Махмадалиев, Дилшодҷони С.Д., Бобокалонов Н.Р., Шукруллоев Б.Э. Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (2020-2040), машғулияҳои илму маориф ва 70- солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов. ДДБ ба номи Носири Хусрав. 2020 -С144-148.
[15-М]. Маҳмадалиев Э.Ш. Нерӯи барқ-заминаи ташаккулёбии технологияҳои муосир [Матн] / Э.Ш. Махмадалиев, Б.Э. Шукурллоев // Маводи конференсияи илмӣ- амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масоили мубрами математика ва таълими он» бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ (2020-2040), машғулиятҳои илму маориф ва 70-солагии Корманди шоистаи Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э.Сатторов. ДДБ ба номи Носири Хусрав. 2020 -С 148-151.
[16-М]. Маҳмадалиев Э.Ш. О роли информационно-технологических дисциплин в поготовке будущих специалистов [Текст] / А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев // Сборник научных статей по итогам международной научно –практической конференции 26-27 февраля 2021 года, Санкт-Петербург. с.87-88.
[17-М]. Махмадалиев Э.Ш. Баъзе масъалаҳои омодакунии омӯзгорони фанни технология [Матн] / А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев // Конференсияи илмӣ – методии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Тадбиқи алгебра ва назарияи ададҳо дар ҳалли масъалаҳои муосир» МТД. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ –С180-182.
[18-М]. Махмадалиев Э.Ш. Баъзе самтҳои рушди технологияҳои ҳамгироӣ дар раванди истифодаи технологияи муосир. А.Э. Сатторов, Э.Ш. Махмадалиев Э.Ш.Форуми саноатитаҳтиунвони“ Қадамҳои устувор бахри рушди саноати миллӣ” бахшида ба 15-умин солгарди таъсисёбии Донишгоҳи кӯҳию металургии Тоҷикистон. Бӯстон 24 апрели соли 2021. с.272-275.(номи мақола)
[19-М]. Махмадалиев Э.Ш Маълумот ва истифодабарии дастгоҳи муоссири доғсӯзи 3Д бо идораи барномавии рақамӣ (ИБР// Бубиев М.Ч. Махмадалиев Э.Ш. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ таҳти

унвони “Нақши Абурайҳони Берунӣ дар рушди илмҳои риёзиву табиӣ ва техникӣ”, бахшида ба пешвози 1050 –солагии нобиғаи маъруфи форс-тоҷик ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маоъриф” -С256-260.

Рисолаи диссертатсионӣ дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ барои ҳимояи кушод тавсия дода мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими технологияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар асоси муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯ Маҳмадалиев Эраҷ Шукруллоевич дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими конвергентии технология ва информатика дар омодакунии омӯзгорониояндаи фанни технология (таълими меҳнат)» қабул карда шуд.

Дар ҷаласаи васеи кафедра 27 нафар иштирок карданд.
Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст:
тарафдор «27», бетараф ва зид нест.
Суратҷаласаи № 3 аз 12 октябри соли 2022.

Мудири кафедраи «Методикаи таълими технология»-и
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
номзади илмҳои педагогӣ: Алламуродов Б.Н.

Котиби ҷаласа: Ҷонмаҳмадов И.Т.

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67.
Тел.: (+992-3222) 2-45-20, 2-22-53
E-mail:bgu-1978@mail.ru

Имзои Б.Н. Алламуродов ва И.Т.Ҷонмаҳмадовро
тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Носири Хусрав: Шукурзод Ҷ.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС